Намояндаи РКОГ СММ Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тарҷумаи Ғайрирасмӣ

# КОНВЕНСИЯ ОИД БА КАМКУНИИ БЕШАҲРВАНДӢ

Давлатҳои аҳдкунанда,

бо мақсади иҷрои карори 896 (х), ки Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид 4-уми декабри соли 1954 қабул кардааст,

камкунии бешаҳрвандиро бо аҳду паймони байналхалкӣ маъқул дониста, розигӣ доданд ба:

*Моддаи 1.* 1. Ҳар Давлати аҳдкунанда ба ҳар шахс дар қаламрави он таваллудёфта бояд шаҳрвандии худро диҳад, вагарна он шахе апатрид (беватан) мемонад. Чунин шахрвандӣ бояд дар ҳолатҳои зерин дода шавад:

a) ҳангоми таваллуд, бо тақозои қонун ё

b) ҳангоми ба мақоми дахлдори ҳокимият дархост пешниҳод кардани шахсӣ дахлдор ё аз номи ӯ пешниҳод шудани дархост бо тартиби муайяннамудаи қонуни миллӣ. Дар сурати риоя шудани муқаррароти банди 2 моддаи мазкур ҳеҷ як чунин дархост наметавонад рад карда шавад.

Ҳар Давлати аҳдкунанда, ки додани шаҳрвандии худро тибқи зербанди «b» банди мазкур пешбинӣ менамояд, метавонад инчунин муқаррар кунад, ки бо тақозои қонун дар синну сол ва шартҳои муайянкардаи қонуни миллӣ шаҳрвандии худро бидиҳад.

2. Ҳар Давлати аҳдкунанда метавонад додани шаҳрвандии худро тибқи зербанди «b» банди 1 моддаи мазкур бо як ё якчанд шартҳои зерин вобаста намояд:

a) дархост бояд дар мухлати муайяннамудаи ин Давлати аҳдкунанда пешниҳод шавад, ки он бояд на дертар аз ба синни ҳаждаҳсолагӣ расидан оғоз ва на барвақттар аз синни бистуяксолагӣ интиҳо ёбад, то ки ба шахси дахлдор аққалан як сол фурсат дода шавад. ки дар ин муддат бе гирифтани иҷозати қонунӣ худаш дархост пешниҳод кунад;

b) шахси дахлдор одатан бояд дар қаламрави ин Давлати аҳдкунанда дар муддати муайяннамудаи ин Давлат зиндагӣ кунад ва ин мухлат набояд аз панҷ сол зиёд бошад, ки он муддат бевосита қабл аз пешниҳоди

дархост ҳисобида шавад ва муддати умумии истиқомати шахс на зиёдтар аз дах сол бошад;

c) шахси дахлдор аз ҷониби суд дар содир намудани ҷиноят зидди амнияти давлат айбдор дониста шуда, барои ҷиноят панч сол ва бештар аз он ба маҳрум намудан аз озодӣ маҳкум шуда бошад;

d) шахси дахлдор доимо апатрид (беватан) бошад.

3. Новобаста аз муқаррароти зербанди «b» банди 1 ва банди 2 моддаи мазкур, кудаки аз издивоч дар қаламрави ягон Давлати аҳдкунанда таваллуд ёфта, ки модараш шаҳрвандии ин Давлатро дорад, ҳангоми таваллуд шуданаш, соҳиби шаҳрвандии ин давлат мегардад, вагарна ӯ апатрид (беватан) мемонад

4. Ҳар Давлати аҳдкунанда бояд шаҳрвандии худро ба ҳар шахсе диҳад, ки дар акси ҳол он шахс апатрид (беватан) бимонад ва ӯ аз сабаби баромадан аз синну соли барои гирифтани шаҳрвандии он Давлати аҳдкунанда муқарраргардида, ки дар қаламраваш таваллуд ёфтааст, дархост пешниҳод карда наметавонад ё шартҳои матлуби истиқоматро иҷро карда наметавонад, агар яке аз волидайнаш ҳангоми таваллуди ӯ шаҳрванди аввалин Давлатҳои аҳдкунандаи фавқуззикр бошад. Агар ҳангоми таваллуди шахс волидайнаш шаҳрвандии гуногун дошта бошанд, масъалаи он, ки оё шахси дахлдор бояд шаҳрвандии падар ё шаҳрвандии модарро гирад, бо қонуни миллии ин Давлати аҳдкунанда ҳал карда мешавад. Агар барои гирифтани чунин шаҳрвандӣ дархост пешниҳод кардан лозим бошад, чунин дархост ба мақоми дахлдори ҳукумат аз тарафи худи шахс ё аз номи ӯ бо тартиби муайяннамудаи қонуни миллии ин давлат пешниҳод карда мешавад. Дар сурати риоя шудани карорҳои банди 5 моддаи мазкур, чунин дархост набояд рад карда шавад.

5. Давлати аҳдкунанда тибқи муқаррароти банди 4 моддаи мазкур додани шаҳрвандии худро метавонад бо як ё якчанд шарти зерин вобаста кунад:

a) дархост бояд қабл аз расидани шахси дархостдиҳанда ба синни муқаррарнамудаи ин Давлати аҳдкунанда пешниҳод гардад ва ин синну сол набояд аз бисту се солагӣ кам бошад;

b) шахси дахлдор одатан дар қаламрави ин Давлати аҳдкунанда дар муддати муайяннамудаи ин Давлат зиндагӣ кунад ва ин муҳлат набояд аз се сол сол зиёд бошад, ки он муддат бевосита кабл аз пешниходи дархост хисобида шавад;

c) шахси дахлдор ҳамеша апатрид (беватан) бошад.

*Моддаи 2.* Кудаки партофташудае, ки дар қаламрави ягон Давлати аҳдкунанда ёфт шудааст, ҳангоми набудани ягон исботи он, ки ӯ хориҷӣ аст, дар ҳамин қаламрав ва аз волидайни дорои шаҳрвандии ҳамин Давлат таваллудшуда маҳсуб мегардад.

*Моддаи 3.* Бо мақсади муайян намудани ӯҳдадориҳои Давлатҳои аҳдкунанда, тибқи ин Конвенсия агар кудак дар киштӣ ё нақлиёти парвозкунанда таваллуд ёбад, он киштӣ зери байрақи кадом Давлате шино кунад ва ё нақлиёти парвозкунанда дар кадом давлате сабт шуда бошад, кудаки навзод дар қаламрави ҳамон Давлат таваллудёфта ба шумор меравад.

*Моддаи 4.* Ҳар Давлати аҳдкунанда ба ҳар шахси берун аз қаламрави он таваллудёфта бояд шаҳрвандии худро дихад, агар дар вақти таваллуди ин шахс яке аз волидайнаш шахрванди ин давлат бошад, вагарна ӯ апартид мемонад. Агар ҳангоми таваллуди шахс волидайнаш шаҳрвандии гуногун дошта бошанд, масъалаи гирифтани шаҳрвандии падар ё шаҳрвандии модар аз ҷониби ӯро конуни миллии ин Давлати аҳдкунанда ҳал мекунад. Додани шаҳрвандӣ тибқи муқаррароти ин банд ба таври зайл сурат мегирад:

а) ҳангоми таваллуд, бо тақозои қонун ё

б) ҳангоми ба мақоми дахлдори ҳокимият бо тартиби муайяннамудаи қонуни миллӣ дархост пешниҳод кардани шахси дахлдор ё аз номи ӯ пешниҳод шудани дархост. Ба шарте агар муқаррароти банди 2 моддаи мазкур риоя шаванд, ҳеч як чунин дархост наметавонад рад карда шавад.

2. Ҳар Давлати аҳдкунанда тибқи муқаррароти банди 1 моддаи мазкур додани шаҳрвандии худро метавонад ба як ё якчанд шарти зерин вобаста кунад:

a) дархост бояд қабл аз расидани шахси дархостдиҳанда ба синни муқаррарнамудаи ин Давлати аҳдкунанда пешниҳод гардад ва ин синну сол набояд аз бисту се солагӣ кам бошад;

b) шахси дахлдор одатан дар қаламрави ин Давлати аҳдкунанда дар муддати муайяннамудаи ин Давлат зиндагӣ кунад ва ин муҳлат набояд аз се сол сол зиёд бошад, ки он муддат бевосита қабл аз пешниҳоди дархост ҳисобида шавад;

c) шахси дахлдор набояд аз тарафи суд дар ҷинояти зидди амнияти давлатӣ айбдор шуда бошад;

d) шахси дахлдор бояд ҳамеша апатрид (беватан) бошад.

*Моддаи 5. 1.* Агар қонунӣ ягон Давлати аҳдкунанда дар натиҷаи ягон тағйирот дар мақоми шахсии шахси дахлдор, мисли издивоҷ, қатъи издивоҷ, қонунигардонӣ, муайянкунӣ ё писар хондан аз даст додани шаҳрвандиро муқаррар намуда бошад, чунин ҳолат бояд ба шарти доштани шаҳрвандии дигар ё гирифтани шаҳрвандии дигар вобаста карда шавад.

2. Агар тибки қонуни ягон Давлати аҳдкунанда, кудаки бе никоҳ таваллудёфта дар натиҷаи муайянкунии падарӣ шаҳрвандии ин давлатро аз даст диҳад, ба ӯ бояд имконияти тариқи пешниҳод намудани дархости хаттӣ ба мақоми дахлдори ҳокимият барқарор намудани шаҳрвандӣ дода шавад ва шартҳои танзимкунандаи чунин дархост аз шартҳои дар банди 2 моддаи 1 Конвенсияи мазкур муқарраргардида сахтгиртар набошад.

*Моддаи 6.* Агар бо қонуни ягон Давлати аҳдкунанда пешбинӣ шуда бошад, ки дар натиҷаи шаҳрвандии ин давлатро аз даст додан ё аз он маҳрум гардонида шудани ягон шахс, ҳамсар ё фарзандони ӯ ҳам шаҳрвандии ин Давлатро аз даст медиҳанд, чунин ҳолат бояд бо шарти шаҳрвандии дигар доштан ё шаҳрвандии дигар гирифтани онҳо вобаста карда шавад.

*Моддаи 7. 1.* а) Агар қонуни ягон Давлати аҳдкунанда аз шаҳрвандӣ даст кашиданро иҷозат диҳад, чунин ҳолат набояд сабабгори аз даст додани шаҳрвандӣ гардад, ба ғайр аз ҳолатҳои шаҳрвандии дигар доштан ё шаҳрвандии дигар гирифтани шахси дахлдор.

b) Муқаррароти зербанди «а» банди мазкур дар ҳолатҳое татбиқ намешаванд, ки амалисозии онҳо хилофи принсипҳои дар моддаҳои 13 ва 14 «Эъломияи ҳуқуқи башар» баёнгардида бошанд, ки онро 10-уми декабри соли 1948 Ассамблеяи Генералии Созмони Миллали Муттаҳид тасдик кардааст.

2. Шаҳрванди давлати аҳдкунанда, ки хоҳиши маскуни мамлакати бегона шуданро дорад, агар шаҳрвандии он мамлакати бегонаро нагирад ва ё дар ин бора итминон нагирад, шаҳрвандии худро аз даст намедиҳад.

3. Шаҳрванди Давлати аҳдкунанда бо истиснои дар муқаррароти бандҳои 4 ва 5 моддаи мазкур пешбинигардида шаҳрвандиашро гум намекунад дар натиҷаи сафар, истиқомат дар хориҷа, аз қайд нагузаштан ё монанди ин сабабҳо апатрид (беватан) шавад.

4. Шахсе, ки маскуни мамлакати дигар гаштааст, агар ба мақоми дахлдори ҳокимият дар бораи шаҳрвандии худро нигоҳ доштан изҳор накунад, дар натиҷаи истиқомат дар хориҷа, дар муддати муайяннамудаи қонуни Давлати аҳдкунанда, ки он бояд на камтар аз ҳафт соли муттасил бошад, метавонад шаҳрвандиашро аз даст диҳад.

5. Нисбати шаҳрванди ягон давлати аҳдкунанда, ки берун аз қаламрави ин Давлат таваллуд ёфтааст, қонунӣ Давлати мазкур метавонад нигоҳ доштани шаҳрвандии ӯро бо он шарт вобаста кунад, ки ӯ пас аз як соли ба синни балоғат расидан, дар қаламрави ин Давлат истиқомат кунад ё дар мақоми дахлдори ҳокимият худро аз қайд гузаронад.

6. Ягон шахс ба ғайр аз ҳолатҳои дар моддаи мазкур зикрёфта шаҳрвандии ягон Давлати аҳдкунандаро аз даст намедиҳад, агар чунин аздастдиҳӣ боиси апатрид гардидани ӯ шавад, бо вуҷуди он ки чунин аздастдиҳиро ягон муқаррароти дигари ин Конвенсия бевосита манъ накардааст.

*Моддаи 8. 1.* Ҳеҷ кадоми Давлати аҳдкунанда ҳеч шахсеро бояд аз шаҳрвандии худ маҳрум нагардонад, агар чунин маҳрумгардонӣ боиси апатрид гардидани ин шахс шавад.

2. Новобаста аз муқаррароти банди 1 моддаи мазкур, ҳар шахс метавонад аз шаҳрвандии ҳар Давлати аҳдкунанда дар ҳолати зерин маҳрум гардад:

а) дар ҳолате, ки аз даст додани шаҳрвандӣ тибқи бандҳои 4 ва 5 моддаи 7 ҷоиз аст;

в) агар шаҳрвандӣ дар натиҷаи пешниҳоди маълумоти бардуруғ ё ба воситаи фиреб ба даст омада бошад.

3. Новобаста аз муқаррароти банди 1 моддаи мазкур, ҳар Давлати аҳдкунанда метавонад ҳуқуқи маҳрум намудани ҳар шахсро аз шаҳрвандии худ нигоҳ дорад, агар ҳангоми ба имзо расондан, тасдиқ намудан ё ҳамроҳшавӣ қайд кунад, ки бинобар як ё якчанд асоси зерини дар ин мухлат аз тарафи қонуни миллии он муқаррарнамуда ҳуқуқи аз шаҳрвандии худаш маҳрум сохтанро нигоҳ медорад:

а) бар хилофи вазифааш, ки садоқат ба ин давлати аҳдкунанда мебошад, шахси дахлдор,

і) манъи бевоситаи ин Давлати аҳдкунандаро ба назар нагирифта, ба Давлати дигар хизмат расонидааст ё идомадор хизмат мерасонад ё аз Давлати дигар музд гирифтааст идомадор музд мегирифт ё ин ки *мл*

*tut u*

і і) бо рафтори худ ба манфиатҳои ҳаётан муҳими ин Давлат зарари ҷиддӣ мерасонад;

в) шахси дахлдор дар бораи садоқат ба Давлати дигар савганд ёд кардааст ё изҳороти расмӣ додаст ё дар бораи аз садоқат ба ин Давлати аҳдкунанда даст кашидани ӯ далелҳои муайяне ба даст омадаанд.

4. Ҳеч кадом Давлати аҳдкунанда набояд ҳуқуқи аз шаҳрвандӣ маҳрум сохтанро, ки тибқи бандҳои 2 ё 3 моддаи мазкур ҷоиз аст, бидуни мувофиқат бо қонуне, ки ҳуқуқи шахси дахлдорро барои баррасии одилона дар суд ё муассисаи дигари соҳибихтиёр пешбинӣ мекунад, татбиқ намояд.

*Моддаи 9.* Ҳеч кадом Давлати аҳдкунанда ягон шахс ё гурӯҳи шахсонро бо асосҳои нажодӣ, этникӣ, динӣ ё сиёсӣ аз шаҳрвандиашон маҳрум карда наметавонад.

*Моддаи 10. 1.* Дар ҳар гуна шартномаи байналхалқии байни Давлатҳои аҳдкунанда, ки додани ягон қаламравро муқаррар менамояд, бояд муқаррароте ворид карда шаванд, ки дар натиҷаи чунин ҳолат апатрид нашудани ягон шахсро кафолат медиҳанд. Ҳар Давлати аҳдкунанда бояд чораҳо андешад, ки ингуна муқаррарот ба ҳар гуна шартномаи байналхалқии монанд, ки миёни он ва Давлати дар Конвенсияи мазкур иштирок надошта баста мешавад, ворид карда шавад.

Ҳангоми вуҷуд надоштани чунин муқаррарот, ҳар Давлати аҳдкунанда, ки ба вай ягон қаламрав супорида мешавад ё бо роҳи дигар ба ягон қаламрав соҳиб мегардад, бояд шаҳрвандии худро ба шахсоне пешниҳод намояд, ки дар акси ҳол бар асари чунин додан ё соҳиб шудан ба ягон қаламрав метавонистанд апатрид гарданд.

*Моддаи 11.* Давлатҳои аҳдкунанда бояд барои созмон додани чунин муассиса дар муҳлати то ҳадди имкон наздиктарин, пас аз супоридани тасдиқномаи шашум ё нома дар бораи ҳамроҳшавӣ дар доираи Созмони Миллали Муттаҳид мусоидат намоянд, то ин ки шахсони дар асоси ин Конвенсия ягон имтиёз талабкунанда барои баррасии талабҳояшон ва гирифтани кумак ҳангоми пешниҳод намудани ин талабҳо ба мақомоти дахлдори ҳокимият муроҷиат карда тавонанд.

*Моддаи 12. 1.* Нисбати он Давлатҳои аҳдкунанда, ки онҳо

шаҳрвандии худро ҳангоми таваллуд пешниҳод намекунанд, бо тақозои қонун ва муқаррароти банди 1 моддаи 1 ё моддаи 4 Конвенсияи мазкур пешбинӣ мегардад ва муқаррароти банди 1 моддаи 1 ё моддаи 4 нисбати шахсони то мавриди амал қарор гирифтани Конвенсияи мазкур таваллудшуда, инчунин шахсони баъди он таваллудшуда татбиқ мегардад.

2. Муқаррароти банди 4 моддаи 1 Конвенсияи мазкур нисбати шахсони то мавриди амал қарор додани он таваллудшуда ва ҳам шахсони баъд аз он таваллудшуда татбиқ мегардад.

3. Муқаррароти моддаи 2 Конвенсияи мазкур танҳо нисбати кудакони ёфташудае татбиқ мегардад, ки дар қаламрави ҳар Давлати аҳдкунанда баъди мавриди амал қарор гирифтани Конвенсия нисбати ин давлат ёфт шудаанд.

*Моддаи 13.* Ин Конвенсия набояд бар зарари ягон муқаррароте маънидод карда шавад, ки он бештар барои кам кардани бешаҳрвандӣ мусоидат менамояд ва дар қонуни амалкунандаи ягон Давлати аҳдкунанда ё ягон конвенсия шартномаю созишномаи байналхалкӣ дарҷ гаштааст ё дарҷ мегардад ва барои ду ё зиёда аз он Давлатҳои аҳдкунанда эътибор дорад.

*Моддаи 14.* Ҳама гуна баҳси байни Давлатҳои аҳдкунанда доир ба маънидодкунӣ ё татбиқи ин Конвенсия ба амал омада, ки бо роҳи дигар ҳал карда намешавад, бо талаби ҳар як ҷониби баҳскунанда ба Суди Байналхалкӣ пешниҳод мегардад.

*Моддаи 15.1.* Конвенсияи мазкур нисбати тамоми ҳудудҳои ғайрихудидоравӣ, зери васоят буда, мустамликавӣ ва дигар ҳудудҳои ғайришаҳрӣ, ки масъулияти алоқаҳои байналхалқиашон бар души ягон Давлати аҳдкунанда мебошад, татбиқ мегардад. Давлати аҳдкунандаи дахлдор бояд, азбаски ин мухолифи муқаррароти банди 2 моддаи мазкур нест, ҳангоми ба имзо расонидан, тасдиқ кардан ё ҳамроҳшавӣ бояд ба ҳудуди ғайришаҳрӣ ё ҳудудҳои ғайришаҳрӣ, ки ин Конвенсия дар натиҷаи ба имзо расонидан, тасдиқ намудан ё ҳамроҳшавӣ ба он ба таври ipsofacto татбиқ мешавад, ишора кунад.

2. Дар ҳар ҳолат, азбаски сухан дар бораи шаҳрвандӣ меравад, ҳудуди ғайришаҳрӣ бо ҳудуди шаҳрӣ чун як порчаи ягона арзёбӣ намегардад ва дар ҳар ҳолате, ки розигии пешакии ҳудуди ғайришаҳрӣ талабкарда мешавад, тибқи конунҳои асосӣ ё таҷрибаи Давлати

аҳдкунанда ё ҳудуди ғайришаҳрӣ бо мақсади татбиқи ин Конвенсия дар ҳудуди мазкур бояд барои дар муҳлати дувоздаҳ моҳ гирифтани розигии зарурии ҳудуди ғайришаҳрӣ тадбирҳо андешад. Ин муҳлат аз рузи аз ҷониби Давлати аҳдкунанда ба имзо расидани Конвенсия оғоз меёбад. Баъди гирифтани чунин розигӣ Давлати аҳдкунанда бояд Котиби генералии Созмони Миллали Муттаҳидро хабардор кунад. Ин Конвенсия ба ҳудуд ё ҳудудҳои дар огоҳинома зикрёфта аз рузи ба дасти Котиби генералӣ расидани он татбиқ мегардад.

3. Баъди интиҳо ёфтани муҳлати дувоздаҳмоҳаи дар банди 2 моддаи мазкур зикрёфта, Давлатҳои аҳдкунандаи дахлдор бояд ба Котиби генералӣ аз натиҷаи машваратҳояшон бо он ҳудудҳои ғайришаҳрӣ, ки масъулияти алоқаи байналхалқиро ба зиммаашон доранду розигии онҳо барои татбиқи ин Конвенсия гирифта нашудааст, хабар расонанд.

*Моддаи 16. 1.* Конвенсияи мазкур барои ба имзо расонидан дар ҳамаи Муассисаҳои марказии Созмони Милали Муттаҳид аз 30-юми августа соли 1961 то 31-уми майи соли 1962 кушода аст.

2. Конвенсияи мазкур барои имзо кушода аст барои:

a) ҳар Давлати узви Созмони Миллали Муттаҳид;

b) ҳар Давлати дигар, ки барои иштирок дар Конференсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба барҳам додан ё дар оянда кам кардани шаҳрвандӣ даъват шудааст;

c) ҳар Давлате, ки аз тарафи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид барои имзои ин Конвенсия ё ҳамроҳшавӣ ба он даъват шудааст.

3. Конвенсияи мазкур қобили тасдиқ аст ва тасдиқномаҳо дар дасти Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид маҳфуз хоҳанд буд.

4. Конвенсияи мазкур барои ҳамроҳ шудани Давлатҳои дар банди 2 моддаи мазкур зикрёфта кушода аст. Ҳамроҳшавӣ ба таври супоридани номаҳои ҳамроҳшавӣ ба Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид сурат мегирад.

*Моддаи 17.1.* Ҳангоми ба имзо расонидан, тасдиқ намудан ё ҳамроҳшавӣ ҳар Давлат метавонад нисбати моддаҳои 11, 14 ё 15 қайду шарт гузорад.

2. Ҳеҷ қайду шарти дигар ба ин Конвенсия роҳ дода намешавад.

*Моддаи 18. 1.* Конвенсияи мазкур баъди ду соли ба маҳфуздоранда супоридани тасдиқномаи шашум ё номаи ҳамроҳшавӣ эътибор пайдо мекунад.

2. Конвенсияи мазкур барои ҳар давлате, ки баъди ба маҳфуздоронда супоридани тасдиқномаи шашум онро тасдиқ менамояд ё ба он ҳамроҳ мешавад, дар рузи навадуми пас аз ба маҳфуздоранда супоридани тасдиқномаи худ ё номаи ҳамроҳшавӣ ё дар рузи эътибор пайдо кардани Конвенсияи тибқи муқаррароти банди 1 моддаи мазкур, вобаста ба он ки кадом руз дертар аст, эътибор пайдо мекунад.

*Моддаи 19.1.* Ҳар Давлати аҳдкунанда метавонад ҳар вақт Конвенсияи мазкурро бо роҳи фиристодани огоҳиномаи хаттӣ ба номи Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид бекор кунад. Чунин бекоркунӣ барои Давлати аҳдкунандаи дахлдор баъди як соли ба дасти Котиби Генералӣ расидани огоҳинома эътибор пайдо мекунад.

2. Дар ҳолате, ки агар тибқи муқаррароти моддаи 15 Конвенсияи мазкур нисбати қаламрави ягон Давлати аҳдкунанда татбиқ гардад, чунин Давлат ҳар вақт баъд аз ин бо ризогии қаламрави дахлдор метавонад ба Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ба таври алоҳида нисбати ин қаламрав бекор кардани ин Конвенсия огоҳинома фиристад. Ин бекоркунӣ баъди як соли ба дасти Котиби Генералӣ расидани огоҳинома эътибор пайдо мекунад. Котиби Генералӣ ба ҳамаи Давлатҳои аҳдкунандаи дигар дар бораи огоҳинома ва рузи расидани он хабар медиҳад.

*Моддаи 20. 1.* Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид ба ҳамаи Давлатҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид ва давлатҳои дар моддаи 16 зикршуда, ки аъзои он намебошанд, аз ҳолатҳои зерин хабар медиҳад:

а) дар бораи ба имзо расонидан, тасдиқкуниҳо ва ҳамроҳшавиҳо тибки моддаи 16;

в) дар бораи қайду шартҳо тибки моддаи 17;

c) дар бораи рузи эътибор пайдо кардани ин Конвенсия тибқи моддаи 18;

d) дар бораи бекоркуниҳо тибқи моддаи 19.

2. Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид на дертар аз баъди ба маҳфуздорӣ қабул кардани тасдиқномаи шашум ё номаи ҳамроҳшавӣ, диққати Ассамблеяи Генералиро ба масъалаи созмон додани муассисаи дар он зикрёфта тибки моддаи 11 ҷалб менамояд.

*Моддаи 21.* Конвенсияи мазкур дар рузи мавриди амал қарор гирифтани он аз тарафи Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид ба қайд гирифта мешавад.

Барои тасдиқи нуқтаҳои баёнгардида намояндагони комилҳуқуқи зерин Конвенсияи мазкурро имзо карданд.

КОНВЕНСИЯ дар Ню-Йорк сиюми августи соли ҳазору нуҳсаду шасту якум дар як нусха тартиб дода шудааст ва матни он бо забонҳои англисӣ, испанӣ, хитоӣ, русӣ, ва франсавии он эътибори якхела дорад ва ин нусха ба бойгонии Созмони Милали Муттаҳид барои маҳфуз доштан супорида шудааст ва нусхаҳои тасдиқгардидаи он аз тарафи Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид ба ҳамаи аъзои Созмони мазкур ва Давлатҳои дар моддаи 16 Конвенсияи мазкур зикрёфта, ки аъзои ин Созмон намебошанд, фиристода мешавад.